№504/7.1 аз 20.01.2014

**Мақомоти ҳудудии андоз**
**Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ**

*Доир ба татбиқи дурусти тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2013 №1046 ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид гардид, ки аз 04.01.2014 мавриди амал қарор дорад.

Тибқи Қонуни мазкур ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои зерин ворид гардид, аз ҷумла:

1. Ба сархати дуюми қисми 1 моддаи 19 пас аз калимаҳои "қонунгузории андоз" калимаҳои "аз ҷумла, доир ба тартиб додани санади муқоисавӣ" илова карда шуд.

Яъне, минбаъд андозсупоранда ӯҳдадор аст бо мақомоти андози дахлдор оид ба андозҳои ҳисобшуда ва пардохтшуда санади муқоисавӣ тартиб диҳад.

2. Дар қонунгузории андоз соҳибкорони инфиродӣ ба ду гуруҳ-тибқи патент фаъолияткунанда ва дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда ҷудо карда шуда, ҳангоми қатъ намудани фаъолияти соҳибкорашон гузаронидани санҷиш пешбинӣ гардидааст. Тибқи тағйироти воридгардида дар қисми 7 моддаи 29 калимаҳои "соҳибкорони инфиродӣ" ба калимаҳои "соҳибкори инфирдии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда" иваз карда шуд. Яъне, ҳангоми қатъ намудани фаъолияти соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда санҷиш гузаронида мешавад.

Ҳамзамон, бо назардошти он, ки соҳибкорони инфиродӣ супорандаи андоз аз арзиши иловашуда шуда наметавонанд, аз қисми 8 моддаи 29, ки санҷиши ғйринақшавии маҷмуӣ ва мавзуиро ҳангоми қатъ гардидани фаъолияти супорандаи андоз аз арзиши иловашуда пешбинӣ менамояд, калимаҳои "соҳибкори инфиродӣ" хориҷ карда шуд.

3. Мутобиқ ба талаботи моддаи 56 ҳуҷҷати дахлдор аз мақомоти андоз оид ба кушодани суратҳисобҳои бонкии (ба истиснои суратҳисобҳои пасандозии шахсони воқеӣ) шахсони воқеӣ (соҳибкорони инфиродӣ) ва ҳуқуқӣ, рақами мушаххаси андозсупоранда ба ҳисоб меравад. Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.08.2013 №323 ба воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ (ба истиснои филиалу намояндагиҳо) бар ивази

рақами мушаххаси андозсупоранда рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан дода мешавад.

Вобаста ба ин, ба сархати 1 моддаи 56 Кодекси андоз пас аз калимаҳои “рақами мушаххаси андозсупоранда” калимаҳои “ё рамзи сабабҳои ба ҳисоб гузоштан” илова карда шуд.

Яъне, ба воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ, ки ба онҳо рақами мушаххаси андозсупоранда дода намешавад, ҳуқуқ дода шуд, ки бо пешниҳоди рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан (РСБ) суратҳисоби бонкӣ кушоянд.

4. Мутобиқ ба талаботи қими 2 моддаи 157 супорандагони андоз аз фоида, ки маблағи андоз аз фоидаи онҳо барои соли гузаштаи тақвимӣ аз се миллион сомонӣ камтар мебошад, ӯҳдадоранд пардохти ҷории (пешпардохти) андоз аз фоидаро ҳар семоҳа то санаи 15-уми моҳе, ки баъди семоҳаи ҳисоботӣ фаро мерасад анҷом диҳанд.

Бинобар ин, ба қисми 1 моддаи 157 пас аз калимаҳои “ҳармоҳаро” ва “моҳи”, мувофиқан калимаҳои “(ҳар семоҳаро)” ва “(семоҳаи)” илова карда шуд.

5. Ба қисми 4 моддаи 169 сархати нав (сархати 10) бо мазмуни зерин илова карда шуд:

“- воридоти техникаи ҳарбӣ, агрегатҳои асосӣ, силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ва дастгоҳҳои парвозкунандаи таъиноти мудофиавидошта, инчунин қисмҳои эҳтиётӣ ба онҳо.”

Яъне, воридоти молҳои мазкур аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуданд.

6. Аз қисми 2 моддаи 181 бо мақсади мутобиқсозии матни муқаррарот калимаҳои “истеҳсол ва (ё) фурӯши маҳсулоти” хориҷ карда шуд.

7. Бо назардошти он, ки дар қисми 6 моддаи 218 мӯҳлати пардохт ва пешниҳоди эъломияи андози иҷтимоӣ барои аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар алоҳидагӣ пешбинӣ гардидааст, аз қисми 2 моддаи мазкур калимаҳои “, инчунин нисбат ба аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ” хориҷ карда шуд.

Ҳамзамон, бинобар сабаби он, ки аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда аз пардохти андози даромад озод мебошанд, дар қисми 6 моддаи 218 калимаҳои “эъломияи ягонаи андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ» ба калимаҳои «эъломияи андози иҷтимоӣ» иваз карда шуд.

8. Дар қисми 7 моддаи 289 пешбинӣ гардидааст, ки намудҳои фаъолияте, ки соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда анҷом дода метавонанд аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Вобаста ба ин, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 №451 тасдиқ гардидааст, ки тибқи он намудҳои фаъолияти аз ҷониби соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома амалишаванда ба таври васеъ муайян гардидааст.

Бинобар ин, қисми 4 моддаи 195 Кодекси андоз, ки машғул шудани соҳибкори инфиродиро ба воридоти (истеҳсоли) молҳои зераксизӣ истисно менамуд, хориҷ карда шуд.

9. Дар қисми 2 моддаи 279 калимаи "истифодашавандаи" ба калимаҳои "истфодашаванда, инчунин биноҳои ёрирасони онҳо" иваз карда шуд.

Яъне, минбаъд барои мақсадҳои андозбандӣ меъёри андоз аз биноҳои ёрирасони шахсони воқеӣ баробари 50 фоизи меъёрҳои дар қисми 2 моддаи 279 пешбинигардида ҳисоб карда мешавад.

Ҳамзамон, дар сархатҳои дуюм, чорум ва шашуми моддаи 279 калимаҳои "объектҳои молу мулки ғайриманқули" ба калимаҳои "масоҳати боқимондаи объектҳои ғайриманқули" иваз карда шуд. Бо ворид гардидани тағйироти мазкур маблағи умумии андоз аз объектҳои ғайриманқул пай дар пай бо роҳи ҷамъ намудани маблағи андози аз масоҳати аввала ҳисобкарда бо маблағи андози аз масоҳати боқимондаи объектҳои ғайриманқул ҳисобшаванда муайян карда мешавад.

Илова бар ин, бо назардошти он, ки дар гурӯҳи 4 ҷадвали моддаи мазкур бо мақсадҳои андозбандии андоз аз объектҳои ғайриманқул коэффисенти минтақавӣ барои қаламрави шаҳр ва шаҳракҳо муайян карда шудааст, аз гурӯҳҳои 5, 6 ва 7-и ҷадвал калимаҳои "шаҳракҳо ва" ва "шаҳрак ва" хориҷ карда шуд.

10. Барои риоя накардани талаботи бақайдгирии давлатӣ дар сурате, ки чунин талабот ҳатмӣ мебошад, дар моддаҳои 603 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима пешбинӣ карда шудааст.

Бинобар ин, ҷумлаи дуюми қисми 3 моддаи 284, ки барои саривақт ва бо тартиби муқарраргардида иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба қатъ намудани фаъолият тибқи патент ва идома додани фаъолият дар дигар шакли ташкилию ҳуқуқӣ бо меъёри 10-каратаи андозҳои ба фаъолияти ӯ дахлдошта андозбандӣ намуданро пешбинӣ менамуд, хориҷ карда шуд.

Ҳамзамон, сархати дуюми қисми 4 моддаи мазкур, ки барои соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда "пешниҳод намудани эъломияи даромади умумӣ барои соли гузаштаи тақвимӣ (ё барои давраи аз оғози соли тақвимӣ дар ҳолати қатъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ) бо замимаи нусхаҳои ҳуҷҷатҳои бонкӣ доир ба пардохти андозҳо»-ро пешбинӣ менамуд, хориҷ гардид.

11. Бинобар сабаби он, ки соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда танҳо дар охири сол оид ба андозҳои пардохтнамудаашон бо мақомоти дахлдори андоз санади муқоисавӣ тартиб дода, дигар намуди ҳисобот пешниҳод наменамоянд, аз қисми 2 моддаи 288 калимаҳои «дар шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ» хориҷ карда шуд.

12. Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда дар низоми умумии андозбандӣ фаъолият карда

наметавонад, бинобар ин аз қисми 2 моддаи 289 калимаҳои “низоми умумии андозбандӣ ё” хориҷ карда шуд.

13. Барои бе қайд дар мақомоти андоз машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ (аз ҷумла ба фаъолияти бизнеси бозӣ) дар моддаҳои 603 ва 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима пешбинӣ карда шудааст. Аз ин лиҳоз, ҷумлаи дуюми қисми 7 моддаи 308, ки ҳангоми бе қайди мақомоти андоз машғул шудан ба фаъолияти бизнеси бозӣ дар ҳаҷми 10-каратаи меъёри ба ин намуди объекти андозбандӣ муқарраргардида андозбандӣ карданро пешбинӣ менамуд, хориҷ карда шуд.

14. Дар қисми 2 моддаи 309 калимаҳои “даромади дар ҳаҷми устувор гирифташуда, бо карат нисбат ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо на камтар аз андозаи калонтарини пардохт барои патент” бо калимаҳои “даромад дар ҳаҷми устувор” иваз карда шуд.

Яъне, минбаъд меъёри андоз барои ҳар воҳиди объекти андозбандӣ (ҳар бароришҳи лотерея ба фурӯш) на аз рӯи андозаи калонтарини пардохт барои патент, балки аз рӯи меъёрҳои аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо (ноҳияҳо) дар мувофиқа бо Кумитаи андоз қабулкардашуда ситонида мешавад.

Тағйиру иловаҳои дигаре, ки ба моддаҳои 78, 93, 102, 104, 128, 134, 138, 170, 156, 169, 214, 216, 268, 280, 282, 291, 298, 308, 312 ва 313 ворид гардидааст, хусусияти таҳрирӣ дошта, меъёр ва ё муқаррароти навро ба вуҷуд намеоранд.

Сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки тамоми кормандонро бо мактуби дастурии мазкур шинос намуда, доир ба он семинари омӯзишӣ гузаронанд. Инчунин бо андозсупорандагон корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ доир намуда, моҳияти тағйиру иловаҳои бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2013 №1046 ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардидаро ба онҳо расонанд ва аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда протоколҳо тартиб дода, нусхаи онро тибқи тартиби муқарраргардида ба Кумитаи андоз пешниҳод намоянд.

Раис Н. Давлатов